**Луқмон Бойматов**

# Сарбадорони Самарқанд




**Душанбе, 2006**

**Бойматов Л. Сарбадорони  Самарқанд. Душанбе, 2006. -28с.**

Ба табъ расидани таълифоти марбут ба қаҳрамонони миллӣ бо кӯмак ва дастгирии кумитаи умури ҷавонони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва низ ба ҳиммати Ассотсиатсияи миллии Марказҳои дастгирии ҷамъияти шаҳрвандӣ дар маҳдудаи Барномаи грантҳои муштарак дар бахши тарбияти ҷавонон дар рӯҳияи ватандустӣ имконпазир шуд.

Ватандӯстӣ асоси идеологии ҳар кадоме давлатҳои мустақил ба шумор меравад. Аз ин рӯ, рушди системаи тарбияти ватандӯстӣ ҳамчун институти пурарзиши давлатию ҷамъиятӣ бояд яке аз аслитарин самтҳои сиёсати давлат дар умури ҷавонон бошад.

© **МТИИИ, 2006**

Луқмон Бойматов

# Сарбадорони Самарқанд

Душанбе - 2006

## Фехристи матолиб

Ватан - гаҳвораи ҳастӣ. (Ба ҷои пешгуфтор) .................. 3

«Ҷанги Лой» ва оқибати он.............................................. 4

Оғози наҳзати Сарбадорон .............................................. 6

Муқовимати Сарбадорон алайҳи лашкари муғул .......... 10

Фарҷоми қиёми Сарбадорон.............................................. 16

Аҳамияти таърихии қиёми Сарбадорон.................... .... 24

## Ватан - гаҳвораи ҳастӣ
(Ба ҷои пешгуфтор)

Ҳар киро ҳубби Ватан нест, дар-ӯ имон нест ва ҳар киро имон нест, бани инсон нест. Меҳри ватан аз шадидтарин алоқаҳо ва хурӯши эҳсосоти инсонӣ аст, ки дар қалби огаҳон ҷо гузидааст. Ватан - гаҳвораи ҳастии ҷомеаву миллат аст ва бояд ӯро пос дошту вафо кард ва вафодорӣ бидуни ишқ ғайри мумкин. Фақат ишқи меҳан муҷиби меҳанпарастӣ ҳоҳад буд. Ҳатто онҳое, ки худро комилан «глобалист» медонанд, дар гӯшае аз қалби хеш ёди ватан мекунанд, чаро ки мояи партави ҳама гуна ишқ дар ниҳонгоҳи дил қарор гирифтааст. Одамон қабл аз ин ки глобалист шаванд фарзанди хоку буме буда ва торҳои ниҳодашон аз обу боду ҳавои он хоку бум сиришта шудааст. Пас ҳар фард бар ҳастиаш мадюни меҳанаш аст.

Ҳазорон сол аст, ки таърих барои мо оинаи гароне ба мерос гузаштааст, ки то ҳол нозиронро дар зиндагӣ панду ҳикмат ва роҳу равиш дар ислоҳи ранҷ медиҳад. Оре, таърих беҳтарин ойинаи аъмоли инсонҳо дар ҳама даврону замон аст. Агар басират боз аст, тамомии пояндаи некиҳо ва куллии зояндаи бадиҳоро дар оинаи таърих метавон дид.

Қиёми Сарбадорони Самарқанд намудори рӯшангаре аз ҷӯшиши меҳри меҳанпарастонаи фарзандони шаҳиди ватан дар оинаи таърихи миллӣ аст. Сарбадорон худшинохтагонеанд, ки меҳанашонро бо ақлу ҳушу ҷону дида шинохтаанд. Аъмоли нек ва ҷовидонаи онон огоҳкунандаи зеҳни наслҳост. Огоҳ бояд шуд, чун оғози бунёди саодати хеш ва ободии меҳан аз худшиносист.

Китобхонаи Донишгоҳи технологии Тоҷикистон
БИБЛИОТЕКА Технологического университета Таджикистана

## «Ҷанги Лой» ва оқибати он

Баҳори соли 766 ҳ. /1365 м. осоиши нисбӣ дар Мовароуннаҳр муҷаддадан дар натиҷаи ҳамлаи ҷатта (муғулони Кошғар) табдил ба бӯҳрони низомӣ ва сиёсӣ шуд. Илёс-хоҷа хони муғулҳои Кошғар барои тасарруф кардани Мовароуннаҳр ҳамроҳ бо лашкари бисёре ҳаракат ба ҷониби оби Хуҷанд намуд.

Амир Темур ба иттиффоқи амир Ҳусайн бо лашкари азим рӯ ба сӯи душман ниҳоданд ва дар Чинос (ҳам акнун шаҳре ба ном «Чиноз» дар наздикии Тошканд аст. - Б. Л.) мавзеъ гирифтанд. Амир Ҳусайн низ ба лашкари худ расид. Лашкари Илёс-хоҷа дар канори рудхонаи Чирчиқ лашкарғоҳ сохтанд.

Миёни ду тараф ҷанги сахте оғоз шуд. Дар ҳангоми набард раъду барқе аз осмон ҳувайдо шуд ва ба дунболи он борони шадиде шурӯъ ба боридан кард, ки дар тамоми тӯли рӯз идома дошт. Бар асари борони шадид майдони набард оғӯшта ба гил ва лой шуд ва дар натиҷа дасту пойи аспҳо чунон дар гилу лой фурӯ мерафт, ки боиси уфтодани аспҳо бар замин шуд. Ҷанг ба муддати ду рӯз идома ёфт ва наздики 10 000 тан ба ҳалокат расиданд.

Амир Темур ва амир Ҳусайн шикаст хӯрданд ва бору бунаҳ ҷамъ карда ба ҷониби Самарқанд ва теъдоде ҳам ба сӯи Балх раҳсипор шуданд. Амир Ҳусайн аз Кеш мутаваҷҷеҳи Соли Сарой шуд ва чун бад-онҷо расид тамоми эл ва атбоъи худро аз Сарой кӯчонд ва аз об убур дод ва дар маҳале ба ном Барку иқомат гузид.

Амир Темур аз амир Ҳусайн ҷудо ба ҷамъоварии сипоҳ машғул шуд ва ба муддати замони ду-се рӯз 12 000 лашкар омода намуд. Аммо натавонист дубора ба муқобили Илёс-хоҷа лашкар бикашад. Вай ҳам маҷбур шуд аз руди Аму убур кунад ва ин гоҳ дар Балх муқим шуд ва лашкару эли мутафарриқшудаи худро ҷамъоварӣ намуда ва ҷамъеро низ барои муҳофизат соҳили руд қарор дод то аз наздик шудани душман ӯро хабар диҳанд ва худ ба корҳои низомӣ ва лашкарии сипоҳ машғул шуд.

Ҳамин тавр, дар «Ҷанғи Лой» амир Темур ва амир Ҳусайн аз лашкари Илёс-хоҷаи муғул шикаст хӯрда ба тарафи Балх фарор карданд.

Дар робита бо ин ҷанг чанд нуктаро метавон зикр кард. Аз навиштаҳои бархе аз муаррихин ва воқеанигорони асри темурӣ бармеояд, ки дар ҷанг байни амир Темур ва амир Ҳусайн алайҳи Илёс-хоҷа тавофуқи амиқ набудааст. Муаррихин менависанд, иштибоҳот ва шикаст бештар бар асари заъфи амир Ҳусайн рух додааст ва амир Темур барои рафъи иштибоҳот ду бор пайкҳое ба назди амир Ҳусайн фиристодааст ва аз ӯ хостааст, ки бархӯрди қотеъона дошта бошад ва маслаҳатро дар ин дида, ки ба лашкаргоҳи душман ба якбора аз ду сӯ ҳуҷум бурда шавад. Аммо амир Ҳусайн, ки худро дар ҳунари набард камтар аз амир Темур намедонист, маслаҳатандешии вайро напазируфта ва ғазабнокона расули Темурро шиканҷа додааст.

Аммо воқеият ин аст, ки дар набарди «Ҷанги Лой» ҳамоҳангии ҳар ду амир бар алайҳи Илёс-хоҷа вуҷуд надоштааст ва бисёре аз умаро ва сипаҳсолорон дар пирӯзии амир Ҳусайн ва амир Темур шакк доштанд ва шакку шубҳа нисбат ба якдигар ва нобоварӣ ба амир Темур тақрибан зеҳни куллии умароро фаро гирифта буд.

Дар ин ҷанг, тибқи навиштаҳои муаррихини замони темуриён, бар асари хиёнати амир Ҳусайн ва чанде аз умаро ва фармондеҳони чағатоии Мовароуннаҳр пирӯзӣ барои Илёчсхоҷа бар умарои Мовароуннаҳр муяссар гардид.Аммо таҳлили ҳама ҷонибаи таърихи «Ҷанги Лой» ва ҳаводиси баъдӣ нишон медиҳад, ки шикасти амир Ҳусайн ва амир Темур танҳо бар асари хиёнати амир Ҳусайн ва соири умаро набудааст, балки ин шикаст, қабл аз ҳама маълули ин амр буда, ки иттиҳоди низомӣ миёни амир Ҳусайн ва амир Темур аз як сӯ ва иттиҳоди умарои чағатоии Мовароуннаҳр бо амир Темур аз сӯи дигар, устувор ва содиқона набудааст.

Ин ҷанг,чунон ки аз навиштаҳои муҳаққиқин бармеояд, як ҷанги маъмулӣ миёни муғулони Кошғар ва муғулони Мовароуннаҳр набуда, балки аз ҷангҳои муҳим ва таърихӣ будааст.

Ин ҷанг нишон дод, ки амир Темур бо вуҷуди талошҳои зиёди худ ҳанӯз ҳам бар умарои маҳаллӣ мусаллат нест ва бисёре аз онҳо аз итоати эшон сар бозмепечиданд.

Амир Темур аз «Ҷанги Лой» илова бар таҷрубаи ҷангӣ, мутмаин шуд, ки амир Ҳусайн дар набард ҳаргиз фарди мавриди эътимоде наметавонад бошад ва баъд аз ин воқеа сиёсати

куллии хешро нисбат ба амир Ҳусайн ва паймон бо ӯ ба таври куллӣ тағйир дод. Тағйири ҷиҳати сиёсати амир Темурро дар масъалаи ҳамкорӣ бо амир Ҳусайн дар сарнавишти Сарбадорони Самарқанд, ки баъд аз «Ҷанги Лой» иттифоқ уфтод ба рӯшанӣ метавон мушоҳида намуд.

«Ҷанги Лой» ба таври ғайри мустақим аз азамати наҳзати Сарбадорони Самарқанд ҳикоят дошт, яъне ҳамон лашкаре, ки онро лашкаршикан меномиданд ва аз они Илёс-хоҷа буд, дар ҷанги зидди Сарбадорон шикаст хӯрд ва аз шармандагӣ аввал аз Самарқанд ва сипас Мовароуннаҳро тарк намуд. Баъд аз ин муғулони Кошғар ҷуръати ҳуҷум бар Мовароуннаҳрро пайдо накарданд ва ҳамалоте, ки аҳёнан дар манобеи таърихӣ зикр шудааст, бештар тохту тозҳои ғоратгаронае будааст, на ҳуҷуми муташаккил ва ҳамаҷониба ба Мовароуннаҳр.

Бар ин асос метавон гуфт, ки Сарбадорон ба эҳё ва ҳифзи истиқлоли сиёсӣ ва миллӣ ва мазҳабии Мовароуннаҳр хидмати таърихӣ кардаанд ва пирӯзии амир Темурро ба Сарбадорон на ба унвони ҳимоят аз истиқлол, балки ба унвони таҷовуз ба истиқлоли онҳо бояд маҳсуб кард.

Ҳамин тавр, «Ҷанги Лой» як ҳодисаи оддии низомӣ нест, балки ин ҷанг ҷанги муҳиме аст, ки бо наҳзати Сарбадорони Самарқанд пайвандии ногусастанӣ дорад. Шӯриши Сарбадорони Самарқанд идомаи мустақими «Ҷанги Лой» аст ва агар «Ҷанги Лой» рух намедод, роҷеъ ба наҳзати Сарбадорон ҳарф задан кори бас душвор буд. Бино бар ин «Ҷанги Лой»-ро метавон муқаддамаи шӯриши мардумии Самарқанд таҳти раҳбарии Сарбадорон гуфт.

## Оғози наҳзати Сарбадорон

Хабари омадани лашкари анбӯҳи Илёс-хоҷаи муғул ба шаҳри Самарқанд расид. Аҳолии Самарқанд, ки таҷрубаи талху дардноке аз ҳамалоти муғул доштанд, ғамнок дар интизори фоҷиаи дигар аз ҷониби эшон буданд. Таҳдид, қатлу ғорат, вайрон намудани абния ва осор, тороҷи хонумон ва аз миён бардоштани одамиён аз суннати фарзандони хашини саҳро буд ва умуми мардум ин хасоиси муғулонро ба хубӣ медонистанд. Муғулон бо эшон ҷуз ин тариқ муомила намекарданд.

Шаҳри Самарқандро мудофеъе набуд, зеро низомиёни муҳофизини шаҳри Самарқанд, умдатан ба сипоҳиёни амир Темур ва амир Ҳусайн пайваста буданд, ки иддае дар ситез бо муғулон дар «Ҷанги Лой» ҷон бохта буданд. Ҷамъе дигар аз ин сипоҳиён ҳамроҳ бо асирони шикастёфта худро роҳи фарор ва гурез баргузида ва шаҳр ва диёру хонумони худро бидуни муҳофизин барои лашкари хунрези ҷатта ба ҷой ниҳода буданд ва имрӯз на деворҳо буд ва на аз мудофеъине, ки аз сарзамини худ ҳаросат намояд, бисёр мушкил менамуд ва самарқандиён дар вазъияти буғранҷе қарор гирифта буданд. Сиёнат аз шаҳр ва аҳолии шаҳрӣ чунин гусехтаи шероза амале мушкил буд.

Дар чунин гиру дорӣ, гурӯҳе аз мардум, баъдан унвони «Сарбадорон» ба эшон итлоқ шуд, рашодатҳои бисёре аз худ дар муқобала бо муғулон ба зуҳур расониданд. Ин гурӯҳи Сарбадорон умуми мардумро ҷиҳати дифоъ аз шаҳр ба пойдорӣ фаро хонданд. Ҷонфишонӣ ва фидокории ин гурӯҳ аз мардуми Самарқанд буд, ки дар ин шаҳр ҷунбиши мардумӣ бар алайҳи муғулон дарбаровард, ки дар таърих ба номи «Сарбадорони Самарқанд» машҳур гашт.

Умуми муаррихини муосир, хусусан таърихнигорони Иттиҳоди Ҷамоҳири Шӯравӣ бар ин ақидаанд, ки оғози наҳзати Сарбадорони Самарқанд ба воқеаи соли 766 ҳ./1365 м. - юриши Илёс-хоҷа ба Мовароуннаҳр ва вуқӯи «Ҷанги Лой» бармегардад. Албатта, оғози наҳзатиСарбадоронро наметавон ба таври қатъӣ ва ҳатмӣ мушаххас намуд. Аммо метавон гуфт, ки ин наҳзати Сарбадорони Самарқанд ибтидо дар Хуросон оғоз гардида ва сипас дар вилоёти атроф тавсеа ёфтааст.

Шигифт нест, вазъ ва ҳолу афкори Сарбадорон дар навоҳии Мовароуннаҳр ва Самарқанду Бухоро низ мухотабине ёфта бошад. Бо таассуф бояд изъон намуд, ки дар ин боб суханe чанд, ки рӯшангари авзоъ бошад, нагуфтаанд ва дар ин замина манобеъ ва арбоби қалам сукут ихтиёр кардаанд ва агар сухане рафтааст, сурати мубҳам буда.

Аз гуфтаҳои муаррихин ин давра нисбат ба наҳзати Самарқанд чунин бармеояд, ки яке аз раҳбарони сиёсии ин наҳзат Мавлоно Хурдаки Бухорӣ будааст. Ин воқеият нишонгари он аст, ки наҳзати Сарбадорони Самарқанд дар ноҳияи Бухоро низ макбулият доштааст ва гурӯҳе ба он пайваста ва шо-

яд барои растгорӣ ба он чашми умед дӯхта буданд. Хусусан шайх Ҳасан Ҷӯрӣ, ки аз риҷоли номии мазҳабӣ-сиёсии наҳзати Сарбадорони Хуросон аст, дар зимни сафарҳо (соли 737 ҳ./1337м.) чанде дар навоҳии Термиз ва атрофи он вилоёт буда ва баъйид нест, ки мардуми ин навоҳӣ ошноӣ ва шинохте аз наҳзати Сарбадорони Хуросон дошта бошанд. Пӯшида нест, раҳбарони шӯриш ва наҳзати Сарбадорони Хуросон, ақоид ва таълимоти сиёсии худро бо равиши сӯфиёна ҳамроҳ мекарданд, ки дар байни мардум эътибори бисёр дошт ва тариқатҳои дарвешӣ ва сӯфигарии зиёде батадриҷ дар замони муғул дар ҳама шаҳрҳо ва вилоёти Хуросон ва Мовароуннаҳр густариш ёфтанд. Ва ҳамин гуна пас пардаи таълимот ва афкори тасаввуф ва ирфон ба наҳзати сиёсӣ ва динӣ - мазҳабии пешаварон ва кишоварзон ва мустазаъфини шаҳр ва қасабот оғоз шуд.

Чунон ки ишора шуд, муаррихини қуруни вусто роҷеъ ба Сарбадорони Самарқанд, пас аз ҳамлаи Илёс-хоҷаи мӯғул сухан рондаанд. Дар ҳеч як аз манобеи мактуби ин муаррихин замони оғозини неҳзати Сарбадорони Самарқанд ба соли 766 ҳ. /1365 м. тасреҳ нашудааст. Таърихнигорон ҷамоати Сарбадоронро ҳомии мардум ва роъии ҷону номус ва дини онон баршумурдаанд ва нақши умуми халқро барои муқобала бо муғулони ситезаҷӯ таъкид кардаанд. Ба ибораи дигар, хуруҷи Сарбадорони Самарқанд пас аз таҳоҷуми Илёс-хоҷаи муғул сурат гирифтааст ва аз осори муаррихини ин аср чунин бар меояд, ки гӯё ҷамоати Сарбадорон гурӯҳе будаанд, ки баногоҳ сар баровардаанд ва рояти мухолифат бо мугулон барафрошта ва халқро ба пойдорӣ фаро хондаанд. Аммо иртибот ва пайвастагии ҳаводиси баъдӣ ва чигунагии шакл гирифтани вақоеъ ба вузӯҳ нишон медиҳад, ки Сарбадорон аз солҳои қабл дар назди мардум мӯътабар ва мақбул будаанд. Нуфузи маънавии ин гурӯҳ чунон буд, ки дар андак замон оммаи мардумро гирди онон ҷамъ намуд.

Ба назар мерасад, ки матлаъи оғозини наҳзати Сарбадорони Самарқанд мутобиқи соли762 ҳ./1365 м. набуда ва бояд оғози ташкили онро ба солҳои қабл расонд (миёнаи қарни 8 ҳиҷрӣ ҳудуди солҳои 750 ҳ.) ва воқеаи соли 766 ҳ./1365 м., ки ҳамоно дифои сарбадорон дар муқобили лашкари Илёс-хоҷаи муғул аст, лаҳзае ба ёд мондани ва фаромӯш нашуданӣ аз

муқовимати ин ҷамоат дар муқобили сипоҳиёни муғул аст, ки таърих ҳаргиз онро фаромӯш нахоҳад кард ва бидуни иғроқ бояд онро авҷи шукӯҳманди муқовимат ва истодагии мудофеини беҳисори Самарқанд дар баробари лашкариёни муғул донист. Ҷараёни вақоеъ он гуна ки хоҳад омад, рӯшан месозад, ки амир Темур ва амир Ҳусайн бо раҳбарони Сарбадорони Самарқанд бархӯрде менамуданд, аз он рӯй ин пешвоён нуфузи азим дар миёни мардум доштанд ва муаззизу маҳбуби қулуб буданд.

Агар воқеи соли 766 ҳ./1365 м. ба тафсил дар таворих омада бояд онро дар пирӯзии Сарбадорон бар муғулон таҳти фармони Илёс-хоҷа донист, ки авҷи кори Сарбадорон маҳсуб мешавад ва таърихнигорон фарҷоми наҳзати Сарбадорони Самарқандро дар пирӯзии фиребгаронаи амир Темур бар Сарбадорон донистаанд.

Ҳамон гуна, ки гузашт, наҳзати Сарбадорони Самарқанд дар нимаи қарни ҳафтуми ҳиҷрӣ / нимаи қанри 14 мелодӣ аз вилоёти Хуросон ба соири билод сироят карда буд. Шаҳри Самарқанд конуни озодихоҳӣ ва раҳоиталабии мардум ин диёр гардид ва ҷамоате бар алайҳи истибдоди золимини муҳоҷим ташкил ёфта буданд, монанди қиёмкунандагони хуросонӣ, бар худ номи Сарбадорон ниҳоданд.

Академик В. В. Бартолд бар ин эътиқод аст, ки ҷунбиши Сарбадорони Самарқанд мутаассир аз наҳзати Сарбадорони Хуросон мебошад ва тафовути ин ду наҳзати зидди муғулиро ҳайси ташаккул ва чигунагии тарвиҷ ва натоиҷи ҳосила медонад. Аввалин тафовути фӣ мобайни ин ду ҷунбиши мардуми дар он аст, ки «наҳзати Сарбадорони Самарқанд» бар хилофи ҷунбиши Сарбадорони Хуросон» бар алайҳи ҳукумати маҳаллӣ нест, бал мухолиф ва муқобилат бо истилогарони муғули Туркистону Кошғар аст. Дар он ҳангом, ки ҳукумати амир Темур ва амир Ҳусайн тавонӣ боздории муҳоҷимини муғулро надоштанд. «Сарбадорони Самарқанд» бо пойдории худ ба муғулон пирӯзӣ ёфтанд ва муқовимати далеронаи онон сабаби шикасти муғулон гардид.

Дуввум, илова бар он чӣ В. В. Бартолд гуфтааст, набояд ин нуктаро аз назар дур дошт, ки наҳзати Самарқанд «қиёми шаҳрӣ» будааст, яъне муҷриёни ин наҳзат ва гаравандагон ба он ҳамагӣ аз аҳолии шаҳри Самарқанд будаанд ва ин худ аз

нукоти ифтироқи ин наҳзат бо наҳзати Сарбадорони Хуросон аст. Ба дигар сухан, бояд гуфт, ки наҳзати Сарбадорони Самарқанд ҳатто баъд аз пирӯзӣ, ки дар ҷанг бо ҷанговарони муғулӣ ҳосил омад, дар русто ва соири шаҳрҳои ин билод густариш наёфт.

Дигар ин ки дар ҷараёни қиёми Сарбадорони Самарқанд бар хилофи Сарбадорони Хуросон сарватмандон ва мурафаҳини шаҳри Самарқанд аз ширкат дар ин наҳзат ва пайвастан ба он имтиноъ варзиданд.

Чаҳорӯм, ҷангҳои шадид ва тӯлоне, ки байни Сарбадорони Хуросон ва мугулони ҳоким рух дод, дар Самарқанд рух надод. Илова бар ин, мулоқотҳое, ки Сарбадорони диёри Самарқанд бо амир Темур ва амир Ҳусайн ба он тан медоданд, он гуна ки дар сутури оянда хоҳад омад, ҳама аз сари ниёз будааст.

Панҷӯм, агарчӣ Сарбадорони Самарқанд бар муғулон пирӯз шуданд, аммо дар ниҳоят тавфиқ наёфтанд то ба мушобеҳи ҳамгинони хуросонии худ давлати воҳид ба вуҷуд оваранд ва сиёсати вежаи худ дар пеш гиранд. Бад-ин ҷиҳат аст, ки наҳзати Сарбадорони Самарқанд бар хилофи наҳзати Сарбадорони Хуросон аз лиҳози густариш ва сохтани ҳукумати хеш маҳдудтар монданд. Аммо ин ду наҳзат нукоти иштирок ва қаробате низ бо якдигар доштаанд.

Омили дигар, ки муҳимтарин ангезаи ташаккул ва асоситарин василаи иттихоз ва иттифоқи нирӯҳои боздоранда ва муқовими Сарбадорони Самарқандӣ дар муқобили лашкариёни муғул буд, омиле аст, ки дар Хуросон низ ба ин сурат амал мекардааст.

Қиёмкунандагони самарқандӣ монанди хуросониҳои сарбадор таҳти ливои раҳбарии мазҳабӣ-сиёсӣ будаанд ва раҳбарони сиёси-мазҳабӣ бар қиёмкунандагон назорат доштаанд, аз дигар сӯй дифоъ аз сарзамини аҷдодӣ дар муқобили кофарони мулҳидкеши муғул шиори асосии наҳзати Сарбадорони самарқандӣ гардид, ки дар Хурусон низ чунин буд.

Аз мавориде, ки гуфта шуд, мубориза бо аҷнабиёни вайронгар, ки зулму бедоди иқтисодӣ - иҷтимоӣ ва моддӣ ва маънавии онон арсаи ҳаёт бар мардуми ин диёрро танг карда буд, аз муҳимтарин ва асоситарин далоили шӯриши самарқандиён будааст.

## Муқовимати Сарбадорон алайҳи лашкари муғул

Замоне, ки хабари омадани лашкари Илёс-хочаи муғул ба аҳолии Самрқанд расид, ҳамагон тасмим ба муқовимат гирифтанд ва ин коре бас мушкил буд. Чунон ки зикри он пештар рафт, шаҳри беҳисор ва мудофеъин (сарбозон) низ ҷони худро бардошта ва гурехта буданд. Шаҳрвандони самарқандӣ, пиру ҷавон, марду зан ва олиму оммӣ дар масҷиди шаҳр гирд омаданд ва дар хусуси дифоъ аз шаҳр ва чӣ гунагии мубориза бо муғулон ба машварат ва ройзанӣ пардохтанд.

Ҷамоати Сарбадорон самарқандиёнро барои дифоъи шаҳр ва диёр аз ҳуҷуми муғулон муҳайё намуданд. Раҳбарияти самарқандиёнро олиму фарзона ва яке аз донишпажӯҳони мадориси Самарқанд - Мавлонозодаи Самарқандӣ (бухорой уласл) ва пешавари шаҳрнишин Абӯбакр Кулуйи Наддоф ва шахси зирак ва моҳир дар тирандозӣ, яъне Мавлоно Хурдаки Бухорой бар ӯҳда гирифтанд.

Чун мардум дар масҷиди ҷомеи Самарқанд фаро омаданд, қоиди аъзами Сарбадорон, Мавлонозодаи Самарқандӣ ба минбар рафт ва пас аз салом, ҳозиронро мухотаби худ сохт: «Маъшар ул-муслимин! Имрӯз ғалабаи куффор ба қасди ҷонумони мусалмонон омадаанд ва ҳокиме, ки ҷизияи мусулмониро боҷу хироҷ ном карда, меситонад ва ба хотири худ харҷ мекунад, чун душман пайдо шавад, мусулмононро ба тарҳ рехта ва аз пеши куффор мегурезад ва ҳарчанд аҳолии ин шаҳр амонӣ ва соварӣ диҳанд, халосӣ нахоҳанд ёфт ва рӯзи қиёмат суол аз шумо бузургон хоҳад буд: кист, ки мутасаддии амри ислом ва мутааҳҳиди хосу омм шавад, то мо низ сар дар қадами ӯ ниҳода ба хидматкорӣ қиём намоем».

Ҳамон гуна, ки аз гуфтаҳои Мавлоно-зодаи Самарқандӣ бармеояд, метавон гуфт, ки эътирози мардуми мусулмон нисбат ба гирифтани молиёт аз ҷониби муғулон дар Хуросон айнан муҷиби эътироз бар алайҳи муғулон гардид.

Дар воқеъ, аз суханони Мавлоно-зода чунин бармеояд, ки ҳадафи аслии Сарбадорон дифоъ аз меҳан дар баробари муҳоҷимини муғул ва ҳимоят аз мазҳаби ислом будааст. Мавлоно-зода раҳбари мазҳабӣ-сиёсии ин ҷунбиш буд, ки солҳо пеш барои таҳсили улуми динӣ аз Бухоро ба Самарқанд омада буд. Раҳбарони дигар аз қабили Мавлоно Хурдаки Бухорӣ ва

Абӯбакр Кулуйи Наддоф низ аз огоҳон ва олимони ва афроди басир буданд, ки ҳар як ба навбаи худ дар раҳбарии қиём ва ҳидояти халқ таъсири басазо доштанд.

Суханони Мавлоно-зода барои оммаи мардум возеҳ ва ошкор ва қобили фаҳм буд. Ин баёнотро бояд даъвате аз ҷониби Мавлоно-зода барои дифоъ ва сиёнат аз ҷону молу мазҳабу маслаки самарқандиён ва ҳамчунини таҳрик ва таҳризи мардум тавассути ин шахс бар алайҳи зулм ва ҷаври муғулони бедодпеша ба ҳисоб овард. Суханони оташини Мавлоно-зода рӯҳияи зиддият ба муғулонро зинда нигоҳ медошт ва халқи аз бедоди муғулон ба сутуҳ омадаро даме аз мухолифат бо онон боз намедошт. Мавлоно-зода барои чунин дифои муқаддас авом ун-носро фаро хонд ва бар эшон бераҳмӣ ва истибдоди муғулонро арза дошт то умуми самарқандиён дар дафъ ва мубориза бо муғулон по пас наниҳанд.

Мардуме, ки дар масҷид гирд омада буданд, шуҷоати Мавлоно-зодаро таҳсин карданд ва омодагии худро барои дифоъ аз ислом эълом намуданд. Мавлоно-зода пас аз ин суханон шамшер аз миён баркашид ва бар ғардани худ ниҳод, он гоҳ рӯй ба мардум гуфт: «Эй мусалмонон! Ман худро фидои шумо кардам ва ин шуғли бузургро мутазаммин шудам, Шумо чӣ мегӯед?»

Маҷмӯи бузургони шаҳр дар посух хомӯш монданд ва сухане ба забон наронданд ва ҳеч як аз эшон ҷуръат ва тавони ба даст гирифтани зимоми раҳбарӣ набуд. Умуми мутамавлин ва акобири шаҳр аз қабули ин масъулият - раҳбарии мардум иҷтиноб варзиданд. Ба назар мерасад, ин ақабнишинӣ ва адами қабул ва пазируфтани ин мансаби маълул тарси ҳоким бар сарватмандони самарқандӣ буд, ки ҳамвора омода буданд то дар муқобили лашкари муҳоҷим сари таслим фурӯ оваранд ва итоату фармонбардорӣ аз муғулонро бар ҳимоят аз шаҳру диёр ва халқ тарҷеҳ медоданд.

Мардуми боиродаи Самарқанд даъвати Мавлоно-зодаро пазируфтанд ва омода буданд дар дифоъ аз шаҳр дар муқобили муғулон сафоройӣ намоянд. Суханони Мавлоно-зода мардуми даромада аз масҷидро таҳрик ва ташвиқ намуд ва авом ӯро ба раҳбарӣ баргузиданд. Дар ҳамон маҷмаъ 10 000 мард савганд ёд намуданд, ки то охирин лаҳзаи ҳаёт аз сарзамини худ ба дифоъ бипардозанд.

Тахти раҳбарии Мавлоно-зода ва дигар пешвоён мардум барои дифоъ аз шаҳри Самарқанд муҳайё шуданд. Он гуна, ки зикр шуд шаҳри беҳисори Самарқанд ва гурези сарбозон ва муҳофизини ин шаҳр ва адами бузургон ва мутаваллини шаҳр, Самарқандро якка ва танҳо бо ҳомиёни воқеияш - табақоти маҳрум ва мустазаъфи ҷомеа дар муқобили лашкариёни чирагару хирасари муғул танҳо ниҳоданд.

Аввалин чораҷӯӣ дар ин ҳангом он буд, ки Мавлоно-зода ва пешвоёни дигар аз бузургони шаҳр хостанд то дафотири девониро фаро оваранд то шумори сокинони шаҳрро тахмин зананд ва пас аз он касоне, ки тавони ҷангидан ва қудрати мубориза бо душманро доштанд, ҷудо намуданд ва боқиро ҷиҳати дигар корҳо, аз ҷумла сангарсозӣ ва масдуд намудани кӯчаҳо ба кор гирифтанд.

Нависандаи китоби «Матлаъ ус-саъдайн» дар ин маврид чунини мегӯяд: «Мавлоно-зода гуфт: «Чун касе ӯҳда намегирад, агар ман мутааҳҳид шавам, мадад ва ҳамроҳӣ мекунед?» Халоиқ мувофиқ шуда, ӯро ба сардорӣ қабул карданд. Мавлоно-зода хутбаи балиғ адо карда, ба ҷанги куффор таҳриз намуд ва фуруд омад ва мардуми бисёр пеши ӯ ҳозир шуда. Дафтари кадхудоён ва муҷаррадону ғурабо ба даст оварад ва дар дарвозаҳо мустаҳфизон боздошт ва сарҳои кӯчабоғҳоро чунон банд кард, ки савор дарнатавонад омад ва сарҳои бандро ба толорҳо маҳкам карда, ба тиркашҳои муварраб сар то сари кӯча фурӯ барид ва қавле кард, ки ҳеч офарида шабҳо ба хонаи худ наравад ва агар ҷое ҷанги сахт воқеъ шавад, мақоми худ нигаҳ дошта ба мадад наравад ва аз сари девору пасдевор бо муғулони кулоҷа накунад ва дар чаҳор ҳадд камондорони ҷаллад таъйин ҷиҳати кӯмак ва як роҳ холӣ гузошта, ҷамъеро камин нишонд ва худ бо понсад пиёдаи тирандоз дар поёни кӯчабоғ биистод».

Ин иқдом муҳимтарин шевае буд, ки Мавлоно-зода дар хусуси дифоъ аз шаҳр иттихоз намуд. Сарбадорон барои таҳаққуқ ёфтани ин шеваи мудофиа дар муқобили муғулон ба ҷамъоварии маблағе аз аҳолии Самарқанд пардохтанд. Барои он ки дифоъ аз шаҳр мумкин гардад, шаҳрро ба чандин маҳалла тақсим намуданд ва дар ҳар маҳалла ҷанговари чобук фармондеҳ гардониданд. Бар тибқи фармони Мавлоно-зода яке аз кӯчабоғҳои аслӣ аз маркази шаҳри фарҳангӣ дур буд,

барои вуруди низомиёни муғул муайян карданд - дигар кучаҳо ва маобирро масдуд намуданд - то тавони ҳаракати муғулон ва аспҳои эшон мумкин набошад. Ҷой-ҷои шаҳр камингоҳҳо ва сангарҳое барои мудофеъини шаҳр тартиб дода шуд то бидуни хавф ва ҳарос бар душман тир андозанд ва санг фурӯ резанд. Мавлоно-зода ва ҳамроҳонаш дар маҳаллаҳо ва кӯчаҳо гузар мекарданд. Раҳбари сарбадорон бе он ки лаҳзае фориғ бошад, ба назорат бар фаромини содира мепардохт.

Мавлоно-зода пас аз он ки умури дифоии шаҳрро монанди эҷоди сангару истиқрори ҷангҷӯён сомон бахшид, ба ҳамроҳи беш аз як ҳазор марди ҷангӣ бар саркӯчаҳои аслӣ, ки лашкариёни муғул аз он кӯча ба шаҳр ворид мешуданд, истод. Муаллифи китоби «Мунтахаб ут-таворих» дар ин бора навиштааст: «(Мавлоно-зода) ҷамъе аз диловаронро то канори кӯчабоғҳо, ки қариб як фарсанге аз васати шаҳр дур буд, мебарад ва дар камингоҳ менишонад ва мисол медод, ки то душман аз эшон нагзарад, қатъан мутааррizи тиру санг нашаванд».

Кори дифоъ дар баробари муғулон, сангарбандиҳои бисёр дар шаҳр ва масдуд намудани кӯчабоғҳо ва омода ва муҳайё сохтани мудофеин сурат пазируфт. Муҳаққиқ Л. В. Строева менависад: «Тактикаи ҷангии Мавлон-зода дар ин маврид танҳо роҳи мусбат буд, зеро мардуми Самарқанд лашкари саворанизом надоштанд то бо муғулон дар саҳро ба ҷанг раванд ва аз тарафи дигар кӯчаҳои шаҳр тангу борик буд ва дар натиҷа аспҳои душман имкони тохту тозро намеёфтанд ва инҳо барои торумор кардани лашкариёни саворанизоми муғул муҳити хуберо муҳайё мекард, ки дар ҳақиқат ин амр низ ба иҷро расид.»

Дар ин ҳин лашкари муғул бо сардории Илёс-хоҷа ба шаҳри Самарқанд наздик мешуд. Илёс-хоҷа бо ғурур ва нахвати тамом роҳи шаҳри Самарқанд дар пеш гирифта буд ва аз иқдомоти Сарбадорон иттилое надошт. Хони муғул мепиндошт ба осонӣ бар шаҳр даст хоҳад ёфт ва муқовимате аз ҷониби самарқандиён нахоҳад гирифт. Муаррих Абдураззоқи Самарқандӣ чунин менависад:

«Қаровулони муғул ва ҷатта фориғу ғофил ба он кӯча даромаданд ва аз камингоҳҳо гузашта ба Мавлоно-зода расиданд. Ишорат кард то духул кӯфта. Сангдаст ва тиру чӯбдастӣ

дар кор омад то муғулон сари асп гардониданд, ҳазор кас маҷрӯҳ ва сад кас гирифтор шуданд».

Бидуни шакк, Сарбадорон ба аҳамияти кори худ воқиф буданд ва мардуми мазлум ва беҳисори Самарқанд низ ҳамроҳ ва ҳамгоми Сарбадорон шуданд то аз мактаб ва маромии мазҳабӣ ва ҳастии модии худ дифоъ намуда бошанд. Пирӯзии шаҳрвандони самарқандӣ бар лашкари сар то по мусаллаҳи муғул бе шакк реша дар ҷасорат ва пойдории ислофу аҷдоди далери онон дошта ва бояд онро мулҳам аз истиқомати падарони ин фарзандони халаф дар ҷангҳо ва рӯёрӯйиҳои пешин дошт.

Рӯзи дигар, сипоҳиёни муғул ба самарқандиён ҳуҷуми муҷаддад оварданд. Устувории истиқомат ва пойдории мудофеини шаҳри Самарқанд бад-он ҳадд буд, ки таҳоҷумоти пай дар пайи муғулон бенатиҷа мемонд. Дифои сарсахтона ва бебоконаи аҳли Самарқанд муғулро аз дастёбӣ бар шаҳр ноумед сохта буд. Охир ул-амр лашкариёни хони муғул - Илёс-хоҷа - дар ҳоле, ки амалан шикаст хӯрда буданд, аммо ҳамчунон ба муҳосираи шаҳр идома медоданд.

Чун муддати муҳосираи самарқандиён ба тӯл анҷомид, Илёс-хоҷаи муғул аз шаҳриён маболиғи бисёр дархост намуд. Ҷамоати Сарбадорон хостаҳои хони муғулро рад карданд. Илёс-хоҷа дар таъқиб шуд ва аз шиддати асабоният дастур ба идомаи муҳосираи Самарқанд дод. Ва ҳамалоти чанд ба Самарқанд намуда, лекин бо муқовимати сарсахтонаи мардум рӯ ба рӯ шуд.

Ҳангоме, ки муҳосираи шаҳри Самарқанд идома меёфт, гуӣ лутфи илоҳӣ аҳли Самарқандро шомил шуд ва балое сипоҳи хони муғулро даргирифт ва ҳаводиси баъдӣ, муҷиботи тасаллии хотир ва ризояти мардуми Самарқандро фароҳам оварад. Балои ваҳшатнок аспони лашкари муғулро тӯъма сохт. Вабо - ин офати аспон, лашкари хони муғулро навмед кард ва сипоҳиёни муғул роҳи гурез ва ҳазимат дар пеш гирифтанд.

Сипоҳиёни хони муғул - Илёс-хоҷа - дигар тавони муҳосираи шаҳрро надоштанд, онон бармегаштанд, вале вақти бозгашт, рустоҳо ва ҳавошии шаҳрро ба ғорат кашиданд. Ҳамин тавр, муғулон бидуни ҳусул ва дастёбӣ ба натиҷае рӯй ба ҷониби юрти худ ниҳоданд ва Самарқанд аз муҳосира халосӣ ёфт.

Пас аз раҳоӣ самарқандиён аз фитнаи муғулон ва бозгашти сипоҳиёни ҷаррори Илёс-хоҷа, Сарбадорон ба икдомоте чанд даст заданд ва чора андешаҳое намуданд, зарари он мутаваҷҷеҳи сарватмандону мураффаҳин ва мутавалини шаҳри Самарқанд гардид.

Дуктур Яъкуб Ожанд дар китоби худ «Қиёми шиъайии Сарбадорон» менависад: «пирӯзии (Сарбадорони Самарқанд) ба қадре шигифангез буд, ки лашкари Мовароуннаҳрро (амир Ҳусайн ва амир Темур - Л. Б.) ба уъҷоб ва ваҳшат водошт, чун аҳолии шаҳр бо нирӯи имони худ коре карда буданд, ки онҳо бо лашкари ҷаррори худ дар муқобили муғул натавониста буданд, ин корро ба анҷом бирасонанд. Ин масъала барои оянддаи онҳо хатарнок буд, хусусан самарқандиён пас аз пирӯзии Мавлон-зодаро ба имомӣ ва амирии худ интихоб намуда буданд».

Раҳбари Сарбадорон (Мавлоно-зода) пас аз пирузӣ бар лашкари Илёс-хоҷаи муғул саворонеро равонаи Ҷайҳун намуд то ин хабари пирӯзӣ бар муғулонро ба амир Темур ва амир Ҳусайн бирасонанд.

### Фарҷоми қиёми Сарбадорони Самарқанд

Иллати фиристодани сафир аз ҷониби амири Сарбадорон Мавлоно-зода ба сӯи амирон - Темур ва амир Ҳусайн - дақиқан мушаххас нест. Шояд тарс аз ҳамлаи муҷаддади муғулони ҷангҷӯ ва ғоратпеша Сарбадоронро бар он дошта буд то сафиронеро назди амир Темур ва амир Ҳусайн гусул доранд ва аз ин Сарбадорони ҳимоятгар, ки мардуми Самарқандро умеди фаровон ба ҳимояти онон буд, ба ёрӣ ва мусоидати худ фаро хонанд.

Дар ин ҳангом, амир Темур яке аз сарбозони худ, Аббос Баҳодурро бо ҷамъе аз саворон ба сӯи Самарқанд ҷиҳати иттилоъ ва истихбор равонаи ин шаҳр намуд. Аммо дар ин ҳин фиристодаи амир Темур бо сафирони раҳбари Сарбадорон Мавлоно-зода ба сурати иттифоқӣ ва пешбинӣ нашуда мулоқот намуд, ин Аббос Баҳодур бо яке аз фиристодагони самарқандӣ роҳии урдугоҳи амир Темур шуданд. Чун амир Темур ба ҷузъиёти аҳволи Сарбадорон воқиф гашт, фавран амир Ҳусайнро, ки пас аз шикасти «Ҷанги Лой» дар мавзеи Соли

Сарой дар яйлоқи Шабарту бо сипоҳиёни худ истиқрор дошт, огоҳ кард ва вай аз роҳи кӯҳистон ба истиқболи амир Темур равона шуд.

Пирӯзии Сарбадорон дар ҷанг бо муғулон ва дифоъ аз шаҳри беҳисори Самарқанд бар ин ду амир гарон омада буд ва бо диди ғаразолуд ва қалби нопок аз ҳасаду кина ба Сарбадорон менигаристанд. Амирони ҳуққапеша ва кӯтаҳбин дар садад буданд то лаҳзаи муносиб фаро расад ва ҷамоати Сарбадорон аз миён бардоранд. Амир Темур ва амир Ҳусайнро ҷуръати он набуд, ки ба якборагӣ ба мухолифат бо Сарбадорон бипардозанд ва қасди барандозии ононро намоянд, чӣ ин ҷамоати Сабадорон дар миёни халқ маҳбуб ва муаззиз буда ва мақоми рафеъ доштанд. Бинобар ин тариқи қариб ва найранг дар пеш гирифтанд ва ҳангоме, ки дар мавзеи Баглон, ки дар ҷунуби Қундузи Афғонистон воқеъ аст, якдигарро мулоқот карданд ва роҷеъ ба масъалаи Сарбадорони Самарқанд ба машварат пардохта ва дар ҳамин макон нақшаи ояндаро мушаххас ва тарсим намуданд ва он гоҳ ҳар ду амир -Темур ва Ҳусайн мутаҳҳид шуданд то дар авоили баҳор бо иттифоқ роҳии Самарқанд шаванд ва шаҳрро аз Сарбадорон бистонанд.

Амир Темур ва амир Ҳусайн ба мушкил будани тасхири шаҳри Самарқанд дар зимистон воқиф буданд. Бинобар ин оғози баҳорро замони муносиб барои ҳамла ва тасарруфи шаҳре диданд ва то расидани замони муносиб саъйи тамом доштанд то бо фиребу найранги сиёсӣ, назари Сарбадоронро мутаваҷҷеҳи худ намоянд. Амир Темур ва сипоҳиёнаш зимистонро дар Қаршӣ ба сар бурданд ва чунон ки муаррихин навиштаанд, дар муддати кӯтоҳ дар атрофи шаҳри Қаршӣ деворе бано ниҳоданд ва амир Ҳусайн низ ба Соли Сарой, ки боргоҳи Қазған буд, бозгашт.

Ин замон Сарбадорон дар Самарқанд ҳукм меронданд. Чун фасли баҳор фаро расид, амир Темур, амир Ҳусайн, ки собиқан ҳокими Самарқандро фиреб дода буданд, ярлиғи маофият ва маншури хукумати ин шаҳрро ба раҳбарияти Сарбадорон ирсол доштанд. Он ду амир ба зоҳир истиқлоли шаҳри Самарқанд ва ҳукумати Мавлоно-зодаро ба сони амирӣ ба расмият шинохтанд. Лекин Мавлоно-зода ва дигар

шаҳрвандонро аз мақсад ва манзури амирон - амир Темур ва амир Ҳусайн - огоҳӣ набуд. Яъқуб Ожанд менависад:

«Аксул-амали Сарбадорони Самарқанд дар муқобили ҳилаи амир Ҳусайн ва амир Темур, бо садоқат ҳамроҳ буд, онҳо аъмол муҳайилонаи амир Ҳусайнро бовар карда буданд. Аз расидани туҳуфу фармони ҳукумат ва ярлиғи маофияти молиёт шодмон гашта ва ҳар чӣ бештар ба қудрати ҷамъи худ пай бурда буданд».

Барои он ки бештари Сарбадоронро ҷалби худ созанд, амир Темур ва амир Ҳусайн чандин бор сафиреро бо тӯҳфаҳо ва ҳадоё ба назди Сарбадорон гусел доштанд. Мавлоно-зода ва атрофиёнаш сафирони амир Темур ва амир Ҳусайнро ба гиромӣ пазиро шуданд ва дар муқобил фиристодагоне чанд ҳадоё ва номаҳои муҳаббатомез ба Қаршӣ ба назди амир Темур ва амир Ҳусайн фиристоданд.

Мавлоно-зодаи Самарқандӣ ва дигар раҳбари сиёсӣ-мазҳабӣ Мавлоно Хурдаки Бухорӣ ва Абӯбакри Кулуйи Наддоф аз пинҳонкориҳо ва накшаҳои фиребгаронаи амир Темур ва амир Ҳусайн гофил буданд. Раҳбарони Сарбадорон намедонистанд, ки амирон макрпеша «саҳми балиғ доштанд, ки халқи Самрқанд ҳар чӣ бештар тасаллӣ биёбанд ва ба хоби харгӯшӣ фурӯ раванд ва хавфу ҳиҷоб аз миён бархезад».

Бино бар қавли В. В. Бартолд бо ин иқдом амир Темур зудбоварии Сарбадорони Самарқандро нисбат ба ҳукумати умароро бештар намуд.

Чун фасли баҳори соли 767 ҳ./1366 м. фаро расид ва амир Темур ва амир Ҳусайн аз навоҳии Балху Бадахшон ва Қундузу Хатлону Хисору Шодмон аз Хӯй ва Шабурғон лашкари анбӯҳ маҷмӯъ оварданд ва роҳии Самарқанд шуданд. Дар роҳ амир Ҳусайн ба Сарбадорон хабар фиристод то замоне, ки ин ду амир ва сипоҳиёнаш ба саҳрои Кони Гил нарасанд, умарои Самарқанд қасди мулоқот бо эшон накунанд ва ба истиқбол наёянд ва сафире ба ҷониби ин амирон нафиристанд.

Ин амали амир Ҳусайн макри дигаре буд барои фиреб додани самарқандиён. Пас аз муддате амир Ҳусайн ва амир Темур бо лашкариёни худ ба вилояти Самарқанд расиданд ва дар мавзеи Кони Гил, ки дар шимоли шаҳри Самарқанд воқеъ аст, урдугоҳе барпо намуданд. Ба гуфтаи муҳаққиқ Л. В. Строева ҳамлаи амир Темур ба Самарқанд, ки Сарбадорон

алайҳи муғул истодагӣ карданд, маънӣ надошт, дар натиҷа дар ин ҷо (Кони Гил) таваққуф карданд.

Ҳангоме, ки хабари вуруди амирон Ҳусайн ва Темур ба Сарбадорон расид, эътимод ва эҳтироми хос бо инъом ва туҳуфи бисёр ба урдугоҳи амир Темур ва амир Ҳусайн ба саҳрои Кони Гил рафтанд. Амир Ҳусайн бо рӯи гушода аз фиристодагони Сарбадорон истиқбол намуд ва пас аз пазирой ва дилҷӯӣ, ин фиристодагон ба Самарқанд муроҷиат намуданд.

Рӯзи дигар раҳбарони Сарбадорони Самарқанд ба урдугоҳи амир Темур ва амир Ҳусайн равон шуданд ва ин бор низ монанди рӯзи пеш бо ҳадоё ва тӯҳфаҳои гаронмоя, аммо чун ба ноҳияи Карёс дар соҳили рудхонае расиданд, лашкариёни амир Темур ва амир Ҳусайн ононро ба банд кашонданд. Ин иқдом, албатта, бо нақша ва тамҳиди қаблӣ ва иттиҳоду иттифоқи ҳар ду амир сурат пазируфта буд, анҷом шуд.

Ба назар мерасад, иқдоми сипоҳиёни амир Темур ва амир Ҳусайн аз он рӯй будааст, ки дар дуввумин рӯз тамомии умаро ва руасои Сарбадорон қасди борёбӣ ба урдугоҳи амирони ёдшударо доштаанд ва пазироии фиребкорона ва мунофиқонаи амир Ҳусайн дар нахустин рӯз ниҳод то битвонад раҳбарони Сарбадоронро ба мусаллаҳ бикашанд ва дар мавзеи Карёс аз маҳкумшудагони ҷамоати Сарбадори Самарқанд Абӯбакри Кулуйи Наддоф ва Мавлоно Хурдаки Бухорӣ ба қатл расиданд. Аз миёни онон фақат Мавлоно-зодаи Самарқандӣ тавассути амир Темур аз пои дор берун кашида шуд.

Раҳбари аслии Сарбадорон Мавлоно-зодаи Самарқандӣ ба шафоат ва шафқати амир Темур аз марг халосӣ ёфт, аммо чунон ки гузашт, дигар раҳбарони Сарбадорон асири фиребу макр ва ҷоҳталабии амирон гаштанд ва ба хилофи ваъдаи додашуда ба қатл расиданд. Мутаассифона, манобеи таърихӣ аз фарҷоми Мавлоно-зодаи Самарқандӣ иттилое ба даст намедиҳанд, Аммо муаллифи китоби «Ҳабиб ус-сияр» Хондамир менависад:

«Мавлоно-зода бино бар илтифоти хотири соҳиб қирон сутуд - муассир аз он маҳлука наҷот ёфт ва дигар пирумуни фузулӣ нагашта ба кошонаи инзиво ва инқитоъ шитофт». Агар ин дуруст аст, пас метавон гуфт, Мавлоно-зода ба таври

куллӣ аз сиёсат ва дахолат ба умури иҷтимоии Самарқанд даст кашида ба гӯшанишиниро ихтиёр кардааст.

Пеш аз он ки роҷеъ ба муносибати байни амир Темур ва Сарбадорон сухане гуфта шавад, бояд бад-ин нукта ишорат намуд, ки муаррихини муосир фиристодани сафир ва ҳадоё аз ҷониби Мавлоно-зода ва дигар раҳбарони Сарбадоронро хатои бузург ва иштибоҳи ҷиддӣ ва аз нуқтаи назари сиёсӣ хатоии ғайри қобили ҳайрон медонанд. Аммо аз диди нигоранда мулоқоти Сарбадорон ва амир Темур дар он ҳангом амали саҳеҳ будааст, хусусан он ки амирон - амир Темур ва амир Ҳусайн - дорои лашкари шамшерзан ва пурқудрат будаанд ва лизо таваҷҷӯҳ ба ин сардорон ва тавассул ба лашкариёни онон амре саҳеҳ буда, чӣ ҳамон гуна, ки дар сутури қаблӣ зикр шуд, ҳар он ҳамлаи муғулони ғоратгар ғайри қобили иҷтиноб менамуд.

Бад-ин сурат дар таърихи Сарбадорони Самарқанд муроҷиаи онҳо ба амир Темур ва амир Ҳусайн, ки аз назари онҳо ҷузви муҳими табақоти болоии ҳукмронони Самарқанд буданд ва бинобар ин Сарбадорон барои расмӣ нишон доданихукумати худ ба назди Темур ва Ҳусайн сафир фиристоданд ва аз ин лиҳоз иқдоми Сарбадорони Самарқанд иштибоҳ нест.

Гарчӣ манобеи таърихӣ дар боби рӯёрӯӣ ва мулоқоти Сарбадорон ва амирон Темур ва Ҳусайн сухане рӯшан ба миён наёвардаанд, аммо аз вуқӯи ҷараёноти баъдӣ метавон дарёфт, ки эҳтироми Сарбадорон нисбат ба умарои сипоҳ – Темур ва Ҳусайн ҷузъе аз сиёсати ҳазмандешаи раҳбарои Сарбадорон буд, зеро онҳо пас аз пирӯзӣ бар сипоҳиёни Илёс - хоҷаи муғул лоҷарам, ниёз ба ҳимоят ва мусоидати амирон Темур ва Ҳусайн доштаанд. Барои Сарбадорон ошкор буд, ки бо вуҷуди пирӯзӣ бар лашкари муғул хатари ҳамлаи муҷаддади муғулон бар диёри Мовароуннаҳр ва шаҳри Самарқанд аз миён нарафтааст.

Бад-ин ҷиҳат аст, ки раҳбарони Сарбадорон илоҷ дорад, ҳамлаи мукаррарро тамассук ва тавассул ва ҳамёрӣ бо дигар умарои Мовароуннаҳр хусусан амир Темур ва амир Ҳусайн медиданд. Ҳадафи аслӣ аз ин ҳамкорӣ бо умарои Мовароуннаҳр амир Хусайн ва амир Темур он буд, ки бо кӯмак ва мусоидати лашкариёни ин ду амир ба муқобалаи муғулон пардозанд ва дигар он ки аз сарзамини худ ва навомиси мусулмоно-

ни ин диёр ва мазҳаб ва мактаби ислом дифоъ намоянд ва аз ин рӯй ҷамоати Сарбадорон сафорат ҳамроҳ бо инъомот ва ҳадоё ба урдугоҳи амирони соҳиқудрати Мовароуннаҳр Темур ва Ҳусайн мефиристоданд.

Илова бар ин, ба масоиле, ки дар пай хоҳад омад, низ метавон ба унвони далоиле, ки Сарбадоронро ба сӯи ин ду сиёсатмадор кашонида истифода намуд. Дар ин замон байни ду шеваи зиндагӣ: кишоварзӣ ва бодиянишинӣ зиддият ва мухолифате вуҷуд дошт, ки дар рӯзгори истилои муғулон ин таорузот ба нуктаи авҷи худ расид ва ниҳоятан системи бодиянишинӣ бар шеваи кишоварзӣ чирагӣ ёфт, ки ин масъала сабаб шуд то кишоварзӣ ва ҳаёти шаҳрӣ ва кишоварзон таҳдид ба нобудӣ шавад. Сарбадорон аз дер боз шоҳиди ин таорузот миёни ду систем - кишоварзӣ ва бодиянишинӣ - буданд. Аз он рӯй, ки ин ҷамоати Сарбадорон аз намояндагони системи кишоварзӣ ва якҷонишинӣ маҳсуб мешаванд, аз хавфи хуҷуми муҷаддади Илёс-хоҷаи муғул ва сипоҳиёнаш ҳамроҳ намудани дигар нирӯҳои ҷангии Мовароуннаҳр бо худро зарурӣ медонистанд.

Амир Темур ва амир Ҳусайн гарчӣ дар майдони набарди «Ҷанги Лой» пазироии шикаст шуданд, аммо ба ҳар ҳол ин ду амир би-л-феъл душманони қасамхӯрдаи хони муғул Илёс-хоҷа ба ҳисоб меомаданд ва ин масъала бар раҳбарони Сарбадорон рӯшан буд, ки сипоҳиён таҳти фармони амир Темур ва амир Ҳусайн дар гузашта ва дар набардҳои пешин дар рӯёрӯӣ бо муғулон ба пирӯзиҳое даст ёфтанд ва лизо Сарбадорон нирӯҳои низомии ин ду фармондеҳро ҷангҷӯёне медонистанд, ки муқобала ва мудофиа бо лашкариёни муғул метавонистанд, мавриди иноят ин Сарбадорон бошанд. Амир Темур ва амир Ҳусайн зоҳиран ба ин майл хоста ва ниёзи Сарбадорон вақуф дошта ва бад-он посухи мусбат медоданд.

Аз суи дигар бояд дар назар дошт, ки муборизоти амир Темур ва амир Ҳусайн гарчӣ моҳияти зидди муғулӣ дошт ва ин масъала комилан содиқ буда ва дар он наметавон шакк кард. Лекин ҳадафи аслии ин муборизот раҳо намудани мусулмонон аз зулму ситами муғулон набудааст, балки арз ва мақсуди амир Темур ва амир Ҳусайн дастёбӣ бар салтанат Чағатоиён ва ҳукумати Мовароуннаҳр буд.

Муборизаи Сарбадорони Самарқанд бар зидди муғулони Кошғар тасодуфан бо даргирихои амир Темур ва амир Ҳусайн бо ин муғулон мувофиқ уфтода буд ва чунон ки дидем, пирӯзии Сарбадорони Самарқанд бар лашкари хони муғул Илёс-хоча, амир Темур ва амир Ҳусайнро ба хашму ғазаб овард. Дар чунин шароите ба таври табиӣ Сарбадорон дар роҳи ичрои мақосиди ин амирони салтанатталаб монеи чиддӣ буданд ва амирон Темур ва Ҳусайн ба ҳар васила, ки мумкин буд, қасд карданд то Сарбадоронро аз миён бардоранд ва дар ин роҳ хости эшон қарини тавфиқ гардид ва Сарбадоронро аз сафҳаи рӯзгор маҳв намуданд. Аз ин рӯй муборизоти Сарбадорони Самарқанд бо иқдомоти амир Темур ва амир Ҳусайн бар зидди сипоҳиёни муғул таҳти тобеъияти Илёс-хоча як ҳадафро дунбол намекардааст.

Муборизоти Сарбадорони Самарқанд, ҳадафе чуз раҳоии мусулмонони ин диёр аз чанголи муғулон ва ҳифзи муқаддасоти ислом ва навомис ва сиёнат аз умуми мардум надоштааст. Ҳол он ки амирон Темур ва Ҳусайн ҳадафе чуз дастёбӣ ба салтанат ва ҳукумат дар Мовароуннаҳр надошта ва барои таҳаққуқи ин хостаҳо, ки бо муғулон мепардохтанд ва ҳаргиз барои раҳоии миллати ситамдида аз бедоди муғулон ба истиқболи хатар намерафтанд.

Агар ҳадаф ва мақсуди амир Темур ва амир Ҳусайн нобуд кардани муғулон ва маҳв кардани ва аз миён бардоштани эшон буд, ҳаргиз камар ба қатли Сарбадорони фидокори Самарқанд намебастанд. Дурандешӣ ва солуссифатии сиёсии ин амир Темур то ба он ҳадд мӯҳтотона ҳамроҳ бо ҳазмандешӣ буд, ки ҳатто рафиқи ҳамғоми ӯ, яъне амир Ҳусайн аз нақшаҳои амир Темур огоҳ набуд ва ҳамин иқдомоти риёкорона ва шеваҳои мӯҳтотонаи ӯ буд, ки пас аз судури қатли Сарбадорон танҳо раҳбари мазҳабӣ-сиёсии ин чунбиш Мавлонозодаи Самарқандӣ ба лутф ва иноят амир Темур тавонист аз хатар чони солим бадар барад. Ӯ бо чунин амали ағфолкунандаӣ ба дунболи он буд то бо тараққии хотири мардум дар назди самарқандиён мақбул уфтода хостаҳо ва ақоиди худро аз тариқи пешвои самарқандиён - Мавлоно-зода бар мардуми ин шаҳр таҳмил намояд.

Барои вуруди амир Темур ва амир Ҳусайн самарқандиён муқовимате буруз нишон надоданд. Амир Темур он ҳангом, ки

ба шаҳр даромад , бо самарқандиён роҳ ёфт ва мамошот пеш гирифт ва ононро мавриди муҳаббат ва навозиши худ қарор дод. Аз ин иқдоми амири қудратталаб дӯст ва рақиби ӯ амир Ҳусайн дар шигифт шуд. Дар робита бо феъли Темур ва амир Ҳусайн нисбат ба Сарбадорон Л. В. Строева ба хубӣ ишора мефармояд, ки ду амир ибтидо Самарқанд ва баъд аз он Мовароуннаҳрро зери итоати худ гирифтанд, аммо силоҳро на барои ҳимоят аз шаҳр, балки барои қатли ҳимоятгарони он шаҳр истифода карданд.

Пас аз қатли сарварони Сарбадорони Самарқанд ин шаҳр дар таҳти нуфузи амирони ёғӣ амир Темур ва амир Ҳусайн қарор гирифт. Амир Ҳусайн ҳангоми вуруд ба шаҳр ба озор ва азияти аҳолии Самарқанд пардохт ва аз онон боҷу хироҷи бисёр намуд.

Амир Темур, баръакси ҳирси рафиқаш, аз рӯи эҳтиёт ва оқибатнигарӣ қисмате аз ҷавоҳирот ва ғаноиме, ки қаблан ба ҷанг оварда ва тасарруф карда буд, аз ҷониби аҳли Самарқанд ба амир Ҳусайн пардохт кард, дар миёни ҷавоҳирот гӯшвораи гаронбаҳои ҳамсари амир Темур, ки хоҳари амир Ҳусайн буд, вуҷуд дошт.

Ин амали амир Темур пас аз раҳо намудани сарвари Сарбадорон Мавлоно-зодаи Самарқандӣ, иқдоми дурандешонаи дигаре ҷиҳати касби эътибор дар миёни самарқандиён буд. Барои он ки дар оянда бар ҳукумати Самарқанд даст ёбад ва дар ин роҳи нек дарёфта буд, ки бояд ба таълифи қулуби самарқандиён бипардозад то дар роҳи касби қудрат ононро ҳамроҳ ва ҳамгоми худ дошта бошад ва таҳвил додани қисмате аз ҷавоҳирот ва ғаноими худ роҳи зиракона барои махдуш намудани чеҳраи амир Ҳусайн ва манфур сохтани ӯ дар миёни халқи Самарқанд ва барои он ки аз ӯ амири бераҳму ситамкор дар назари мардум муҷассам созад, буд. Умуми самарқандиён аз ҳақиқати моҷаро ва он чӣ дар замири амир Темур мегузашт, бехабар буда, ҳомӣ ва ноҷии худро дар вуҷуди ин амир медиданд.

Амир Темур бо иқдомоти зоҳирӣ, дар миёни самарқандиён авҷи фаровон ёфт ва маҳбубу муаззизи умуми мардум гардид.

Бояд гуфт, дар пеш гирифтани роҳи руфъат ва меҳрубонӣ намудан ба халқ ва раҳо намудани раҳбари Сарбадорон аз ин

даст, дар ҳақикат заработе буд, ки бар рақиби ӯ, яъне ба амир Ҳусайн ворид мешуд. Ихтилофи гуфтори амир Темур ва амир Ҳусайн ҳар рӯз афзуда мешуд ва ҳирсу кудратхоҳии дӯстони дирӯзро ба хасми якдигар мубаддал сохт. Ин зиддияти кудратхоҳӣ ва мухолифатҳои дунёталабона, саранҷом чунон арсаро бар амирон танг намуд, ки роҳе ҷуз тавассул ба қувваи қаҳрия намонд.

Фарҷоми қиёми Сарбадорони Самарқанд он шуд, ки амир Темур мехост аҳолии ин шаҳрро мадюн ва вомдори худ намояд ва чунон ки хоҳем дид, дар ҷараёноти баъдӣ истифодаи бисёр аз ин вомдорони ноогоҳ ба амал овард. Аммо ихтилофи ӯ бо амир Ҳусайн, ба тавре, ки баъд хоҳад омад, саранҷом ин дуро барои ҳалли ихтилофоташон ба майдони корзор кашонд ва дар ин майдон амир Темур бо ҳимоят ва ғояти халқи Самарқанд бурд ва тавонист чароги давлати амир Ҳусайнро хомӯш намояд ва уфули кавкаби амир Ҳусайн бо баромадани хуршеди иқболи амир Темур ҳамроҳ гардид.

## Аҳамияти таърихии қиёми Сарбадорон

Мутазаккир бояд шуд, ки муаррихин ва нависандагони асри темурӣ, чандон тасвири рӯшани ҳақиқӣ ва мусбат аз Сарбадорон ба хонанда ироа намедиҳанд ва гоҳ метавон дар лобалои осори ин нависандогон ва муаррихин чеҳраи мағшуш, манфӣ ва қудратталаб аз ин ҷунбиши мардумӣ мушоҳида кард, ки ин тасвиргарӣ ношӣ аз зеҳният ин нависандагон ва дидгоҳҳои хоси сиёсии замони онон мебошад.

Он чӣ муаррихини асри темурӣ аз Сарбадорони Самарқанд иттилооте ба даст медиҳанд, чизе ҷуз фаротар аз муқовимат ва истодагӣ ва дифои сарсахтона дар муқобили муғулони ғоратгар нест. Чунон ки дидем, раҳбарони сиёсӣ-мазҳабии Сарбадорон мардумони далер ва шуҷоъ буданд ва дар ҷунбишҳои озодихоҳи мардуми Осиёи Марказӣ нақши муҳим ва басазое доштаанд.

Мавлоно-зодаи Самарқандӣ, ки насабаш ба бузургони илм ва фарҳехтагон мерасонад, он ҳангом, ки сипоҳиёни муғул хоку ватанро таҳдид мекарданд ва оромиши ҳамкешон ва сокинони Самарқандро салб карда буданд, он бузургмарди некандеш бо ҳамёрии ду тан аз аҳолии Самарқанд Абӯбакр

Кулуйи Наддоф ва Мавлоно Хурдаки Бухорӣ аҳолии маҳрум ва табақоти мустаъзафи шаҳрро, ки бештар кишоварзон ва пешаварон буданд, мутаҳҳид ва мутаффиқ менамоянд то битвонанд дар муқобили юришҳо ва илғорҳои муғулон тоби муқовимат оваранд ва аз сарзамини мол ва хостаи худ муҳофизат кунанд, чӣ ғорати хашин ва иқдомоти вайронгарона ва ғорати муғулон вуқуфи тамом доштанд.

Дигар аз раҳбарони сиёсӣ-мазҳабӣ Мавлоно Хурдаки Бухорӣ, Абӯбакр Кулуйи Наддоф савои Мавлоно-зодаи Самарқандӣ дар таҳаввур ва бебокӣ ва ҷанговарӣ дасти камӣ аз ин Мавлоно-зода надоштанд. Ба назар мерасад, он чӣ ёрони фидокори Мавлоно-зодаи Самарқандӣ, яъне Мавлоно Хурдаки Бухорӣ ва Абӯбакр Кулуйи Наддофро сабаб шуд, маълули ҷасорат ва пойдории он ду в фидокориҳои бисёр дар дифоъ аз шаҳр ва ҷаҳду ҷадде буд, ки аз худ буруз доданд ва дар таърих қиёми Сарбадорони Самарқанд эъломи ҷанг ва ҷиҳод бо муғулонро бояд нуқтаи авҷ ин қиём ба ҳисоб оварл ва ҳамин эъломи ҷиҳод ва ғазо дар ҳимоят аз шариати ислом ва дифоъ аз навомиси шаҳрвандон, ки онҳоро (шаҳрвандонро) ба душманон қасам хӯрда ва хасми сарсахтонаи ин муғулон табдил кард.

Ҳузури густардаи самарқандиён дар ин мудофиа ва пас аз он рӯёрӯии сипоҳиёни сифоки муғул аз ин ҷанге ба ёдгор ниҳоданд, ки бояд оноро ҷалоле барои ҳифзи Озодӣ ва сиёнати ҳақиқат ва таъмини оромиш ва осоиш маҳсуб дошт.

Ин ҳаводис бори дигар нишон дод, ки ҳифзи мактаб ва мароми ислом ва сиёнату нигаҳбоӣ аз сарзамини падарон ва ҳифзи ҳудуди он чунон арзише дорад, ки фидо кардан ва базл намудани ҷон дар муқобили он ба ҳеч намеарзад, чӣ ба ҳангоми хатар мард бояд, ки ҷон дар табақи ихлос ниҳад, ки фатҳ ва зафар ҷуз бо истиқомат дар баробари душман ва фидо намудани ҷон муяссар нахоҳад шуд.

Вуқӯи ин ҳодиса нишон дод, ки ҳифзи дину мактаби ислом бартарин ва муҳимтарин чизе будааст, ки умуми самарқандиён хусусан маҳрумин ва ситамдидагон ба он таваҷҷӯҳ ва иноят доштаанд. Дар фаро хондани мардум барои дифоъ дар баробари муғулон фаҳми амиқ ва биниши доҳиёнаи раҳбари қиёми Сарбадорони Самарқанд набояд ба фаромӯшӣ супурда шавад, ки бо ҳунари равоншиносона ва бо дарки саҳеҳ

мавқеияти ҷомеа ва мардум дақиқан ононро дар ҷиҳате ҳидоят намуданд, ки хости ботинӣ ва ҳақиқии самарқандиён буда ва он эҷоди навъе огоҳии умумӣ ва баёни дар хатар будани дин ва шариати ин ҷамоат, яъне самарқандиён ва гӯшзад намудани ҳуҷуми вайронгари муғулон, ки таҳдиди ҷиддии онон барои аҳолии Самарқанд, ки дар таҳрик ва омода намудани мардуми шаҳр самарабахш ва бисёр корсоз будааст.

Чунон ки дар сафаҳоти қабл ишора шуд, қиёми Сарбадорони Самарқанд навъи ҷунбиши шаҳрӣ будааст ва рустоиён дар он ширкат надошта ва дар ин мудофиа ҳузур наёфтаанд. Пирӯзӣ бар муғулон, ки бо лашкари муҷаҳҳази созу барги низомӣ фаровон ба ҷанг бо мардуми беҳисори Самарқанд омада буданд ва дар ҳақиқат аҳамияти таърихӣ бисёр дорад, ки аксари муаррихин ва муҳақиқини муосир ба баъзе нукот ва зароифи он таваҷҷӯхе нанамудаанд ва танҳо ба пирӯзии Сарбадорон дар дифоъ аз Самарқанд ва ҳазимати муғулон ишорат доштаанд.

Бояд илова кард, ки шуҷоат,ҷонфишонӣ ва родмардии самарқандиён сарф шуд, ки магар Илёс-хоҷаи муғулро заҳраи он набошад ба сӯи Мовароуннаҳр лашкар кашад ва савои тасхири он тасхири он дар сар парваронад ва дар ҳеч як аз манобеи таърихӣ аз ҳамлаи муҷаддади муғулон ба ин диёр сухане нагуфтаанд ва андак задухӯрдҳои маҳаллӣ, ки дар манобеъ аз онон ном бурда шудааст, бояд идомаи тохтутозҳои феодалӣ донист, ки пас аз ҳукумат ёфтани амир Темур ин яккатозиҳо низ барои ҳамеша маҳв шуданд.

Амир Темур бо шинохт ва огоҳӣ аз авзоъ ва аҳволи Сарбадорон ва аз он рӯй, ки амири мӯҳтот ва дурандеш буд ва солусиро барои эҷоди нуфуз худ дар миёни мардум ва маҳбуб будан дар миёни эшон муносиб дид, пас аз маъдум намудани турктозии феодалон ва камранг намудани ҷунбиши Сарбадорон ва баъд аз он, бо фиребкориҳои сиёсӣ тавонист раҳбари Сарбадорони Самарқандро аз майдон берун кунад ва рақиби деринаи худ амир Ҳусайнро низ аз сафҳаи ҳаёти сиёсӣ бардорад. Инак амир Темур дар бари хони яғмо нишаста буд ва аз он чӣ Сарбадорони Самарқанд ва аҳолии шаҳр бо базли ҷону моли худ фаро оварда буданд, дар ниҳоят истифодаи фаровон бурд.

Аммо қиёми Сарбадорони Самарқанд аз ҷумлаи муҳимтарин ва мӯътабартарин ҳаводисе аст, ки дар ҳаёти сиёсӣ - иҷтимоӣ, дигар қиёмҳо ва ҷунбишҳои мардумии Осиёи Марказӣ таъсири босадо ва ғайри қобили инкор ба ҷой ниҳод. Ин ҳаводис нишон медиҳад, ки иродаи пӯлодин ва эътиқоди росихи мардуми заҳматкаш, ки дар манобеи ин давра ба «авомм ун-нос» таъбир шудааст, бо вуҷуди истибдод, бедодгарӣ ва ситамҳои бисёр муғулони чағатоӣ ҳаргиз ранг набохта ва балки бо гузашти рӯзгор устувортар ва муқовимтар аз рӯзи пеш ба ҳаёти худ идома медодааст.

Сарбадорони Самарқанд натавониста ба давом ва қавоми ҳукумати худ пардозанд, лекин ба монанди хуросониёни сарбадор тавонистанд муғулонро водор ба фарору гурез намоянд. Пирӯзии Сарбадорони Самарқанд бар душманони худ, мардуми диёрро аз истибдод ва истимори муғулон раҳонид ва эҳтимолан Сарбадорони Самарқанд дар беҳбуд бахшидани авзои мардуми ин диёр ҷаҳду ҷаддҳо мабзул доштаанд. Баъид нест, шеъре, ки муаррихини аҳди темурӣ дар кутубашон овардаанд мубини ин кӯшишҳо ва талошҳо бошад:

*«Ё раб мабодо он ки гадо мӯътабар шавад».*

Самарқандиён чун аҳолии Бухоро ва хуросониён асорат дар чанголи муғулони бодиянишин ва пазириши системи элӣ ва ҳокимият ин саҳронавардонро наметавонистанд пазиро шаванд ва ин андеша мубориза - реша дар афкор ва ақоиди умуми аҳли Самарқанд, бахусус мардуми кӯчаву бозор ва маҳрумини ин диёр дошт, ки ба ҳангоми муборизоти озодиталабонаи мардум бар алайҳи муғулон дар суханони пуршӯри раҳбарони Сарбадорони Самарқанд низ таҷаллӣ ва зуҳур доштааст.

Бо таъсирпазирӣ аз афкор ва андешаҳои ҷамоати сарбадорони буд, ки ҳар рӯз беш аз пеш халқ ба онон мегаравиданд ва аз ақоиди эшон - сарбадорон мулҳам ва мутаасир мешуданд. Дар ин ҷидоли раҳоиталабонаву озодихоҳонаи авомм ун-нос, ки диловарони гумном ва фидокори худ буданд, ҷасоратҳо ва таҳаввурҳои бисёр аз худ буруз медоданд ва бо чунин ҷонфишониҳо буд, ки рояти пирӯзӣ барафроштанд ва раъйи муваффақият баргирифтанд ва саранҷом бо муқовимат ва пойдории фаровони муғулонро маҷбур ба қабули шикаст карданд ва онон - муғулонро ҳазимати зиллатбор таҳмил наму-

данд, ки бояд онро аз ифтихороти мардуми тоҷик ба ҳисоб овард, ки фарзандони далераш чӣ гуна бо қиллати созу барги низомӣ ва шаҳри беҳисор, танҳо бо имон ва ирода ва мардонагиҳои бисёр ҳамосаи ҷовид офариданд ва иззат ва шараф барои худ ва ифтихор барои фарзандони муқовим ва далери тоҷик ба ёдгор ниҳоданд ва ҳамроҳи фарзандони ин диёр ба вуҷуди чунин падарони қаҳрамоне аз ифтихор сар бар сипеҳр бисоянд ва аз чунин пирӯзиҳое ба худ биболанд ва номи неки ин мудофеин ва сарбозони бенишон барои ҳамеша дар ҷаридаи олам сабт шавад ва давом ёбад.

Наҳзати СарбадорониСамарқанд аз ҳайси густардагӣ иқболи умум аз ин ҷунбиш аз назари аҳамияти таърихӣ метавонад бо азимтарин қиёмҳо ва густардатарин шӯришҳо муқоиса гардад. Ин қиём - наҳзати Сарбадорони Самарқанд дорои мушахассот ва вежагиҳои хос монанди суръати амали раҳбарони Сарбадорон, аз фарохонии мардум, чӣ гунагии тактикаи дифоъ аз шаҳр дар баробари сипоҳи муғул ва мизони иқболи умум ва анфози баёни раҳбарон дар миёни мардум ва тавфиқ дар ин замина бо қиёмҳои дигар, ки соли баъд аз солҳои 1365-66 чеҳра намуд, қобили қиёс намебошад ва ин ҷунбиш аз сӯи дигар буда, ки ҷуз бо қиёмҳои густарда онро қиёс тавон кард.

Дар тамомии сафаҳоти таърихи ҷунбишҳои озодибахши Осиёи Марказӣ, ки пас аз қиёми Сарбадорони Самарқанд то ибтидои қарни XX ба вуқӯъ пайвастааст, монанди қиёми Сарбадорон ёфт намешавад.

Бест.